**Тақризи**

**Роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Изатуллои Ҳабибзод «Самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D051000 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (Амнияти иқтисодӣ).**

Рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир бо аҳамияти афзояндаи байналмилалишавии ҳаёти хоҷагидорӣ дар бахши иқтисодиёт ва молия тавсиф меёбад. Мушкилоти бузургтарин дар ин раванд таъмини амнияти молиявии мамлакат дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошад. Устуворгардонии амнияти молиявии кишвар ҳамчун қисми ҷудонашавандаи амнияти миллии он кафили фаъолияти бенуқсони тамоми мақомотҳои давлатӣ буда, фаъолияти соҳаҳои васеъи ҷомеа, ташкилоту корхонаҳо ва шаҳрвандонро дарбар мегирад. Дар чунин шароит низоми молиявии давлат ба сатҳи махсуси ҳифз аз таҳдидҳои берунӣ ниёз дорад. Устуворгардонии амнияти молиявии мамлакат пеш аз ҳама таъмини амнияти молиявиро дар унсурҳои асосии он, аз қабили молияи давлатӣ ва маҳаллӣ, молияи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, молияи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро тақозо менамояд. Ташкили фаъолияти субъектҳои иқтисодии зикргардида оид ба огоҳиёбӣ, чораандешӣ ва пешгирии таҳдидҳо ба амнияти молиявии мамлакат худ яке аз роҳҳои асосии таъмини амнияти молиявии мамлакат ба шумор меравад.

Дар баробари ин таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба авҷгирии таъсири омилҳои берунӣ зарурати пешниҳоди роҳҳои устуворгардонии онро бо дар назардошти таъмини рушди устувори иқтисодиёти мамлакат, бунёди механизми самараноки ҳифзи манфиатҳои субъектҳои хоҷагидории кишварро тақозо менамояд.

Аз ин нуқтаи назар, бо назардошти ҳолати кунунии рушди низоми молияи мамлакат, ин мушкилот, бешубҳа, аҳамияти баланди актуалӣ ва

иқтисодӣ дорад, ки аҳамияти мавзӯи интихобшудаи таҳқиқоти диссертатсионии Изатуллои Ҳабибзодро таъкид менамояд.

Дар ҷараёни навиштани диссертатсия аз тарафи унвонҷӯ ҳадафи омӯзиши ҷанбаҳои назариявию методии арзёбии таъсири ҷаҳонишавӣ ба амнияти молиявӣ ва асосноккунии роҳҳои такмили суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити озодкунии фаъолияти иқтисоди беруна гузошта шуда, масъалаҳои мазкур ба таври муфассал ҳалли худро ёфтаанд. Минбаъд дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда аз тарафи муаллиф равишҳои консептуалии таъмини амнияти молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ коркард карда шуда, механизми ташкилӣ-иқтисодии паст намудани таҳдидҳои амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ пешниҳод карда шуд, ки татбиқи он имкон медиҳад, суботи молиявӣ дар мамлакат таъмин карда шавад.

Таҳқиқоти диссертатсионии гузаронидашуда ва шарҳи масъалаҳои назариявӣ ва методии таҳқиқи таъсири ҷаҳонишавӣ ба амнияти молиявӣ ба Изатуллои Ҳабибзод имконият фароҳам оварданд, ки механизми ташкилӣ-иқтисодии паст намудани таъсири таҳдидҳо ба амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ коркард карда, самтҳои стратегии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавиро пешниҳод намояд.

Бояд қайд кард, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ тавсияҳои илмию амалӣ оид ба мукаммалсозии механизми назорати давлатии молиявӣ дар самти таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд.

Инчунин аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионии гузаронидашударо қайд кардан зарур аст, ки бо истифодаи натиҷаҳои фаъолияти мақомотҳои давлатӣ дар таҳияи барномаҳои таъмини амнияти иқтисодӣ ва молиявӣ дар шароити ҷаҳонишави ба даст оварда шудаанд.

Дар раванди навиштани диссертатсия Изатуллои Ҳабибзод худро ҳамчун корманди илмии ҷиддӣ нишон дода, дорои дониши амиқи назариявӣ ва амалии мушкилотҳои мураккаби иқтисодӣ оид ба

муқаррарсозии самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳури Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошад. Дар ҷараёни навиштани диссертатсия ӯ саъю кӯшиши баланд, қобилияти истифода бурдани дастгоҳҳои муосири таҳқиқотиро барои ҳалли масъалаи гузоштащуда нишон дод.

Умуман, Изатуллои Ҳ. маҳоратҳои баланди кори таълимӣ ва илмиро дар худ касб месозад. Вай худро ҳамчун таҳқиқгари баркамол нишон дод, ки метавонад мустақилона масъалаҳои илмии хусусияти иқтисодӣ ва идоракунӣ доштаро дар соҳаи назарияи муосири таъмини амнияти иқтисодӣ таҳия ва ҳал намояд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавон ба хулосае омад, ки ҳамаи вазифаҳо ва ҳадафҳои гузошташуда пурра ба анҷом расидаанд. Хулоса ва таклифҳои пешниҳодшуда ба андешаи мо сазовори эътиборанд ва аз ин рӯ бо боварӣ тасдиқ кардан мумкин аст, ки диссертатсия ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Изатуллои Ҳабибзод сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (Амнияти иқтисодӣ) мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
**мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, д.и.и., дотсент** **Б.М. Ҷумъаев**

**Суроға:** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055,
ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5.
тел.: (+992 934888670), E-mail: j_bahoviddin@mail.ru

Имзои Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназарович –доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон»-ро тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Ҷӯраев Ш.Н.

10.10.2025